**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ**

Рисолаи таҳқиқотии Нодирхонов Г.Г. ба яке аз мавзуҳои мубрами замон - «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир» бахшида шуда, мавриди таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ қарор дода шудааст.

Мубрамият ва аҳамияти мавзуи рисола бешубҳа мебошад, чунки субот ва устувории равнақу ривоҷи минъбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ бештар ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва таъмини амнияти он вобаста аст, ки бевосита метавонад ба рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсиргузор бошад.

Зарурати таҳқиқи мавзуи мавсуф ба он вобаста аст, ки дар шароити кунунӣ - тағйироти куллии иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ҷанбаҳои наверо касб намудааст, ки мутассифона, то ҳол ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Дар ин радиф, муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки таҷрибаи ҷомеасозии муосир собит менамояд, дар шароити гузариш аз як низом ба низоми дигари ҷамъиятӣ ва тағйирёбии кулии иҷтимоӣ-фарҳангӣ меъёру омилҳои нави пешравӣ ба миён меояд, ки роҳи пешрафти ҷомеаро муайян мекунад. Барои он, ки ҷомеа ба бухрони амиқ гирифтор нашавад, зарурати мавриди таҳлили ҷиддӣ қарор додани консепсияҳои ҷомеаи пасосаноатӣ, ҷомеаи иттилоотӣ ва амнияти иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд.

Зеро таърихи инсоният собит менамояд, ки ҳама вақт дар ҳолати гузариши ҷомеа аз як шакли муносибатҳои иҷтимоӣ ба сифатан дигараш, дар тафаккур ва маънавияти одамон як навъ тағйирот дар шакли муборизаи мутақобилаи арзишҳои маънавии кӯҳнаю нав зуҳур меёбад. Ҳақ бар ҷониби унвонҷӯст, ки дар ин бора чунин хулоса менамояд: тезутунд гаштани зиддиятҳои ҳаёти маънавӣ, надоштани маълумоти кофӣ дар бораи консепсияҳои номбурда аз оғози пайдоиши он, аъне аз солҳои 60-ум то охирии асри XX, ба ҷанги таҳмилӣ кашидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷиҳати иқтисодӣ набудани шароит барои ба мамлакат ворид намудани таҷҳизоти техникӣ, аз ҷумла компютер.

тағйироти сифатии байни давлатҳои аз ҷиҳати технологӣ гуногун ва ғайраҳо.

Мақсади таҳқиқот дар диссертатсияи мазкур дар ворид шудани ҷомеа ва муайян намудани сатҳи амнияти мамлакат (шахс, давлат, ҷомеа) дар даврai гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ, мушаххас намудани нақши технологияи иттилоотӣ ва шабакаҳои иттилоотӣ дар дигаргунсозиҳои фазои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон, инчунин дараҷаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди рушдёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити глобалии замони муосир буда, ҳалли вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

- муайян намудани мафҳуму категорияҳои асосии ба мавзуи мазкур дахлдошта, дар доираи тағйротҳои замони муосир;

- мушаххас намудани нақши амнияти иттилоотӣ, технологияи иттилоотӣ ва ВАО дар раванди дигаргунсозиҳои замони муосир ва таъмини рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- ошкор намудани унсурҳои асосие, ки метавонанд монеаи таъмини амнияти иттилоотии Тоҷикистон гарданд;

- пешниҳод намудани самтҳои асосии устувории системаи амнияти иттилоотии Тоҷикистон;

- коркарди роҳҳои асосии мубориза ба таҳдиду хатарҳои зидди иттилоотии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот амнияти иттилоотии Тоҷикистон ва таъмини он дар шароити таҳавулоти глобалии ҷомеаи муосир муайян гардида, предмети таҳқиқот бошад масоили хусусиятҳои амнияти иттилоотӣ ва таъмини он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҷиҳати ҷолиби рисола аз он иборат аст, ки амнияти иттилоотӣ дар шароити ҳозира яке аз рукнҳои муҳими амнияти миллӣ ба ҳисоб рафта, хусусияти хоси ҷомеа дар он аст, ки таҳаввулоти азими ҷаҳони имрӯза маҳз ба раванди иттилоот вобастагӣ доранд. Ҷомеаи муосир ҷомеаи иттилоотӣ мебошад, ки он ба фаъол гардидан ва истифодаи технологияи гуногуни иттилоотию комуникатсионӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқамандӣ дорад. Аз ин лиҳоз, мавзуе, ки дар рисола мавриди таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ қарор дода шудааст, аз ҷумлаи он муаммоҳоест, ки дар раванди бунёди давлати миллӣ дар заминаи эҳёи арзишҳои маънавии ҷомеаи суннатии мо аҳамияти бештари ҳам назариявӣ ва ҳам амалиро касб намудааст.

Дар хусуси навгонии кор ҳамин нуктаро таъкид намудан лозим аст, ки аз рӯи ахбори ба мо дастрас, масъалаи рушди минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ ва роҳҳои пешгирии таҳдиду хатарҳо, инчунин таъмини

амнияти он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бори аввал мавриди таҳқиқоти махсус ва таҳлили илмии ҳамаҷониба қарор ёфтааст. Тавре дар боло ишора кардем, навгонии умдаи рисола аз он иборат аст, ки рушди ҷомеаи иттилотӣ, дарки ҳуввияти миллӣ, баланд бардоштани худшиносиву худогоҳии миллӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Навоварии кори илмӣ дар натиҷаҳои зерин ба таври мушаххас инъикос ёфтааст:

- мафҳумҳои асосии ифодакунандаи ҷомеаи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ муайян карда шудаанд;
- раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар мамлакат ва нақши амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили муҳими амнияти миллӣ дар рушди ҷомеаи муосир таҳлил гардидааст;
- нақши амнияти иттилоотии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар суботи системаи иҷтимоӣ баҳогузорӣ карда шудааст;
- таъсири ташаккул ва оқибатҳои воридшавии технологияи иттилоотӣ ба амнияти иттилоотии ҷомеаи тоҷикистонӣ асоснок карда шудааст;
- амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили афзалиятнок ва муҳимми таъминоти амнияти миллии Тоҷикистон арзёбӣ шуда, таъсири мусбати он ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян гардидааст;
- самтҳои асосии таъмини устувории системаи амнияти иттилоотӣ ва усулҳои асосии муқовимат ба таҳдиду хатарҳои ба системаи амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронидашуда пешниҳод гардидаанд.

Дар рисола роҳу усулҳои пешгирӣ ва ҳифзи ҳаёти маънавии ҷомеа аз таҳдиду хатарҳои муосир дар шароити рушди ҷомеаи Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

Аҳамияти назариявии рисолаи мазкур дар ин аст, ки мафҳуми амнияти иттилоотӣ ва мафҳумҳои ба он наздик аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ аз нав дарк карда шуда, мавриди таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ қарор дода шудааст.

Диссертант барои муайян намудани сатҳи коркарди мавзуъ бо тадқиқотҳое, ки то имрӯз ба сомон расидаанд, ошно гашта, мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода, нуктаҳоеро муайян намудааст, ки то ҳол ба таври кифоя мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд.

Сохтори таҳқиқот анъанавӣ буда, он аз муқаддима, ду фасл, шаш зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима зарурати таҳқиқи мавзуъ асоснок гашта, омӯзиши масъалаҳои баррасиёбанда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мушаххас, объект ва мавзуи таҳқиқоти он, асосҳои назариявӣ ва методологии

навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола муайян карда шудаанд. Дар рисола варақаи иборахои кӯтоҳкардашуда ва аломатҳои шартӣ низ оварда шудааст.

Боби аввал "Асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти масоили ҷомеаи иттилоотӣ ва таъмини амнияти он дар илмҳои ҷомеашиносӣ" номгузорӣ шуда, он аз ду зербоб иборат аст, ки дар онҳо мафҳуми амнияти иттилоотӣ, назарияҳои мухталифи транформатсияи иттилоотӣ-иҷтимоӣ, назарияҳои ҷомеаи пасосаноатӣ, иттилоотӣ, шабакавӣ, виртуалӣ-маҷозӣ, рақамикунонӣ таҳқиқ карда шудаанд. Тамоюлҳои асосии рушди фазои муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ ошкор карда шуда, инчунин таъсири шабакаи глобалӣ ва технологияҳои телекоммуникатсионӣ дар ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ асоснок карда шудааст, ки ба тағйирёбии амиқу дақиқи муносибатҳои байни инсон ва технологияҳои компютерӣ оварда мерасонад.

Боби дуюм "Хусусиятҳои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистони муосир" номгузорӣ шуда, дар бораи рушди технологияи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ сухан меравад.

Чуноне ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, технологияи иттилоотӣ дар шароити муосир ба сифати барандаи асосии дигаргуниҳои ҷомеаи пасосаноатӣ баромад мекунад ва масоили таъмини амнияти он яке аз шартҳои муҳими рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба шумор меравад. Технологияи иттилоотӣ чанд даҳсола пеш ҳамчун усулҳо, воситаҳо ва методҳои истифодаи воситаҳои технологияи ҳисоббарор ҳангоми иҷрои функсияҳои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи маҳсулот дар назар дошта шуда буд. Чунин шаклгирӣ бо кутоҳии мушаххасии худ фарқ мекунад, ки ин барои кушодани моҳияти мафҳуми таҳқиқшаванда имкон намедиҳад. Чунки мафҳуми технологияи иттилоотӣ дар замони муосир нисбати функсияҳои номбаршуда маънои васеътар дорад.

Аз ҷониби худ, мо боварӣ дорем таҳқиқи раванди инкишофи технологияи муосир, ки ба иттилоот, инчунин таҳлили натиҷаҳои истифодаи он, ки дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаёти ҷомеа зуҳур меёбад, имкон медиҳад масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ самаранок ба низом дароварда, ҳал карда шаванд.

Дар амалӣ намудан ва ҷорӣ кардани васоити иттилоотӣ, низоми иттилоотӣ ва рушди комплексии он, инчунин сатҳи фарогирии васеи технологияи иттилоотӣ-коммуникативии рақамӣ дар муҳити иҷтимоии Тоҷикистони муосир, мавҷудияти раванди таҳаввулоти иҷтимоиро асоснок мекунад, ки ба ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ оварда мерасонад. Замони муосир тақозои онро дорад, ки омӯзиш ва таҳқиқи сатҳи рушди

ҷомеаи муосир, ташаккули сохтори иттилоотӣ, боҳамтаъсиррасонӣ ва муносибати байниҳамдигарии иҷтимоӣ, инчунин ошкор намудани омилҳои асосӣ ба роҳ монда шавад, то ки ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда расонад.

Боби дуюм "Амнияти иттилоотӣ ва нақши он дар таъмини суботи ҷомеаи муосири Тоҷикистон" номгузорӣ шуда, дар бораи рушди технологияи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ сухан меравад. Чуноне ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, технологияи иттилоотӣ дар шароити муосир ба сифати барандаи асосии дигаргуниҳои ҷомеаи пасосаноатӣ баромад мекунад ва масоили таъмини амнияти он яке аз шартҳои муҳими рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дастрасӣ ба технологияи рақамӣ сатҳи рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар мамлакати мо муайян мекунад ва ин моро водор мекунад, ки аз дараҷаи пешрафти кишварҳои пешқадам қафо намонем. Яке аз хусусиятҳои асосии мушкилоти амнияти иттилоотӣ - ин талабот ба пуррагии таҳлили хатару таҳдидҳои иттилоотӣ мебошад, ки эҳтимолан дар системаҳои иттилоотии муосир имконпазиранд. Ҳатто як омили ноустуворкунандаи ба ҳисоб гирифтанашудаю муайяннашуда, ки ба инобат гирифта нашудааст, метавонад самаранокии амниятро ба таврӣ назаррас коҳиш диҳад.

Дар замони муосир комилан аён аст, ки нокомиҳо ва хатогиҳо дар кори дурусти системаҳои иттилоотӣ барои идоракунии намудҳои гуногуни нақлиёт ва ҳаракат бо талафоти азим ва зарари моддӣ алоқамананданд. Дар ин замина, хулоса намудан мумкин аст, ки пайвандҳои амнияти иттилоотӣ барои амнияти иқтисодии давлат калидӣ мешаванд. Мушкилоти асосии навбатӣ ба таъмини амнияти иҷтимоии ҷомеа марбут аст. Ин соҳа ҳимояи манфиатҳои халқ ва кишварро дар соҳаи иҷтимоӣ, ташаккули сохторҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ, системаи таъминоти ҳаёт, тарзи зиндагии одамонро, ки ба талаботи пешрафти ҷомеаи муосир ҷавобгӯянд, дар бар мегирад.

Хулоса ва тавсияҳое, ки дар кор пешниҳод гаштаанд бунёдӣ илмӣ дошта, истифодаи онҳо дар амалия аз манфиат холӣ нест.

Мазмуни фишурдаи диссертатсия ба нуктаҳои асосии дар диссертатсия баён гашта мувофиқ мебошад.

Дар мақолаҳои илмие, ки ба табъ расидаанд, мазмуни асосии кор инъикос ёфтаанд.

Бешубҳа, диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили

иҷтимоӣ-фалсафӣ)» метавон гуфт, ки таҳқиқоти мустақилона ва ба итмом расида мебошад.

Диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида буда, яке аз масъалаҳои мубрами фалсафаи иҷтимоиро фаро мегирад ва дар рушди яке аз самтҳои муҳими илми муосир дар Тоҷикистон метавонад таҳким бахшад.

Диссертатсия ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Доктори илмҳои фалсафа,**
**дотсенти кафедраи таърихи**
**фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии**
**факултети фалсафаи ДМТ** **Муминов А.И.**

**Имзои доктори илмҳои фалсафа,**
**дотсент Муминовро тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**